**ҚАРОРИ**
**маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-014**
**назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

аз 01 марти соли 2024, №33 ш. Душанбе

Баъд аз шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Кабиров Шарофудин Раҳмудинович дар мавзуи: «Таъсири равандҳои муҳоҷират дар бахши кишоварзии бозори меҳнати минтақавӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ, тақризи роҳбари илмӣ - н.и.и., дотсент, Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич, тақризи муассисаи пешбар – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ашуров Субҳонидин Бурҳонович, номзади илмҳои иқтисодӣ, Умарзода Навруз Нурулло, баромади мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: д.и.и., профессор Исайнов Ҳ.Р., д.и.и., дотсент Мирсаидов С.А., д.и.и., дотсент Аминов И. ва раиси шурои диссертатсионӣ д.и.и., профессор Фақеров Ҳ.Н. Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзои шурои диссертатсионӣ қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳаммият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин, натиҷаи корҳои нашршуда доир ба мавзуи диссертатсияи Кабиров Шарофудин Раҳмудинович,

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Кабиров Шарофудин Раҳмудинович дар мавзуи: «Таъсири равандҳои муҳоҷират дар бахши кишоварзии бозори меҳнати минтақавӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ба талаботи муқаррарнамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисос тибқи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад;

2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамоянд;

3. Ба Кабиров Шарофудин Раҳмудинович дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ дода шавад;

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда мешавад, ки қарори шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Кабиров Шарофудин Раҳмудиновичро бо дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ сарфароз гардонад.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Фақеров Ҳ. Н.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

**01 марти соли 2024**